

# Бахши IV

## БЕХАТАРӢ ДАР ИНТЕРНЕТ

# Бахши 4. Бехатарӣ дар Интернет

## 4.1. Шаклҳои озору азият дар Интернет

Хонандаи азиз! Пеш аз оғози сӯҳбат дар бораи бехатарӣ дар Интернет, мехостем Шуморо бо истилоҳоти он амалҳое шинос кунем, ки дар фазои иттилоотӣ ба шахс таҳдид мекунанд. Илова ба истилоҳоти зер, дар вожанома таърифҳо низ мавҷуданд, ки ба онҳо низ диққат диҳед.

Инак мафҳумҳое, ки таҳқиромез ҳисобида мешаванд ва метавонанд ҳам ба шахс ва ҳам ба эътибори Интернетии ӯ таъсири бад расонанд.

- **Таъқиби шаҳвонӣ**. Ҳамлаҳои мақсаднок ва муназзами Интернетӣ аз ҷониби ношиносон, корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ ва одамони наздиктарин муҳити воқеии иҷтимоӣ.
- **Истифодаи номи бофта** (аз англ. impersonation). Дидаю дониста худро шахси дигар вонамуд карда, аз рамз (парол)-и ҷабрдида сӯйистифода намудан (масалан, барои таҳқири касе).
- **Тавҳин** (англ. flaming). Он дар фазои кушоди оммавии шабакаи ҷаҳонӣ тавассути шарҳҳои таҳқиромез, муроҷиатҳои беодобона ва мулоҳизаҳои дағал рух медиҳад.
- **Таҳдиди ошкорои зӯроварии ҷисмонӣ** (англ. cyberthreats). Таҳдидҳои мустақим ё ғайримустақим барои куштани касе ё расонидани зарари ҷисмонӣ.
- **Сиёҳ кардан ва паҳн кардани овозаҳо** (анг. Denigration). Дидаю дониста сиёҳ кардани ҷабрдида тавассути ҷойгир кардани акс ё видео дар саҳифаҳои Интернетӣ, форумҳо, гурӯҳҳои хабарӣ, тавассути почтаи электронӣ (масалан, барои вайрон кардани муносибатҳои дӯстӣ, интиқом аз дӯстдухтари собиқ).
- **Таъқиби шаҳвонӣ ва номатлуби давомдор** (англ. cyberstalking). Озори мунтазами (ҷинсии) касе, ки иборат аз таҳдид ва таъқиби шаҳвонӣ аст.
- **Ошкор кардани маълумоти шахсӣ (**англ. outing and trickery). Паҳн кардани маълумоти шахсӣ **(**масалан, аксҳои маҳрамона, вазъи молиявӣ, амалиёт бо мақсади таҳқир, таҳдид, масалан, ҳампаймони собиқро).
- **Ҷудоиандозии иҷтимоӣ** (англ. exclusion). Даст кашидан аз муошират (ҳам дар сатҳи корӣ ва ҳам ғайрирасмӣ), хориҷ кардан аз системаи паёмнависии фаврӣ (Instant-Messenger), аз гурӯҳ ё ҷомеаи бозигарон ва ғ. [48].

## 4.2. Интернети бехатар

Хонандагони мактабҳои миёнаи муосир дар даврони рушди босуръат ва номуназзамии Интернет дар Тоҷикистон таваллуд ёфта, ба воя расидаанд, зиндагии онҳо бо компютер, телефони мобилӣ пайванди ногусастанӣ дорад. Дар ин вазъи нави иҷтимоии рушд, технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ва дар навбати аввал, шабакаи ҷаҳонии Интернет, аҳамияти калон доранд.

Дар зери мафҳуми сайберозорӣ (кибербуллинг) чоп ва паҳн кардани матнҳо, видеоҳо ва аксҳои таҳқиромез, таҳдидҳо ва ҳамлаҳои Интернетӣ фаҳмида мешавад. Ин намуди зӯроварӣ аксар вақт барои кӯдакони наврас хеле фишоровар аст; тибқи маълумоти оморӣ, асосан аз сабаби нотавонии манъ намудани иштирокчиёни он ва

дарднок будани иттилоот. Дар ин ҳама нақши асосиро хусусиятҳои хоси овони наврасӣ мебозанд [33].

«Ҷаҳони муосир ҷаҳони технологияҳои *компютерист ва кӯдакони дар ин ҷаҳон зиндагӣ карда, худро осуда ҳис мекунанд, ба осонӣ технологияҳои нав: компютерҳо, телефонҳои мобилӣ ва гаҷетҳоро* аз худ мекунанд ва истифода мебаранд. Аммо, дониши онҳо дар бораи бехатарии Интернет маҳдуд аст ва аз қобилияти азхудкунии дастгоҳҳои нав ақиб мондааст. Шумораи корбарони Интернет сол аз сол меафзояд, аз ин рӯ, мушкилоти бехатарии кӯдакон дар Интернет хеле мубрам аст. Ба волидон, мураббиён ва омӯзгорон барои фаҳмондан ва аз бар намудани қоидаҳои «Интернети бехатар» сӯҳбатҳо ва чорабиниҳои фаҳмондадиҳӣ гузарондан зарур аст» [32].

Технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ сабаби рушди шакли нави хушунат - сайберозорӣ гардиданд. Имрӯзҳо зарурати ҳифзи кӯдакон аз хатарҳои ҷаҳони Интернет ва баланд бардоштани саводи иттилоотии онҳо ба миён омадааст. Навъи баръалои ин ҳуҷум, ки мактаббача ва наврас бо он дучор омада метавонанд, кибербуллинг-сайберозорӣ – озору азият дар Интернет мебошад. Ҳар чизе, ки дар ҷаҳони виртуалӣ бо наврас рух медиҳад, метавонад оқибатҳои ҷиддӣ дошта бошад ва ба таҳсилоти иҷтимоӣ ва равонии ӯ таъсири манфӣ расонад.

Тибқи омори бадастомада, ки ҳангоми таҳқиқот дар мавзӯи Таҳлили хатарҳои эҳтимолии коммуникатсионӣ дар фазои маҷозӣ дар байни хонандагони макотиби шаҳри Душанбе дар соли 2019 дар шаҳри Душанбе коршиносони технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионии Иттиҳоди ҷамъиятии Баробарӣ ва Маркази ТИК дар назди Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе муайян карданд, ки ҳар сеюмин наврас ба таври онлайн пурсидашуда, озору азияти онлайнро аз сар гузаронидааст; духтарон аксар вақт қурбонии троллҳо гардидаанд.




*Расми.1. Эквиваленти миқдории маълумоти шахсӣ (таҳқиқи хусусӣ).*

Тақрибан аз се як ҳиссаи ҳамаи наврасон (32%), ки Интернетро истифода мебаранд, худро қурбонии як қатор амалҳои озордиҳанда (ғазабангез) ва тамоили таҳдидкунанда дар шабакаи Интернетӣ медонанд, ба монанди:

гирифтани таҳдидҳо;

нашри мукотиботи электронӣ бидуни розигии ҳамаи иштирокчиёни он;

ҷойгиркунии аксҳо бе иҷозат;

паҳн кардани овозаҳо дар Интернет [28].

Зиёда аз 95% наврасон ҳангоми тадқиқот ба саволи: «Оё Шумо маълумоти шахсиро ба шахсони сеюм дар Интернет пешниҳод кардед?» посухи мусбат додаанд.

### 4.3. Кибербуллинг (Сайберозорӣ) чист?

**Озору азияти Интернетӣ ё сайберозорӣ –** таҳқир, таҳдид ва паёмҳои барқасдона ба дигарон тавассути маълумоти беобрӯкунанда бо истифода аз воситаҳои муосири алоқа (аз қабили шабакаҳои иҷтимоӣ, замимаҳои мобилӣ, алоқаи мобилӣ ва ғайра) аст, ки одатан барои муддати тӯлонӣ мебошад [10].

Яке аз бартариҳои муҳими озору азият дар шабакаи ҷаҳонии Интернет ҳисси муҷозот нашудан мебошад. Илова бар ин, таҷовузгар дар Интернет эҳсосоти ҷабрдидаро намебинад. Танҳо аз посухҳои ҷабрдида тахмин кардан мумкин аст, ки вай чӣ эҳсосотеро аз сар мегузаронад.

Озору азият дар фазои иттилоотӣ тавассути каналҳои воситаҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ сурат мегирад. Дар Интернет - тавассути почтаи электронӣ, барномаҳои паёмнависии фаврӣ (масалан, Viber, WhatsApp ва ғайра), дар шабакаҳои иҷтимоӣ, форумҳо, инчунин тавассути фиристодани видео-порталҳои видеоӣ (YouTube ва ғ.). Маводи видеоӣ ва паёмҳои фаҳшо (одатан бо дашномдиҳӣ) ё тавассути телефони мобилӣ (масалан, тавассути паёмҳои SMS ё зангҳои озорӣ).

Истилоҳоти ин падида: кибермоббинг (аз англ. cybermobbing), Интернет-моббинг (Internet-mobbing), кибербуллинг (cyberbullying), троллинг (trolling – «қапидан»), флейм (flame - «аланга») [51, 52, 53, 54, 55 мутаносибан].

Ҷинояткорони ин амалҳои авбошона, ки аксар вақт онҳоро Троллҳо, Буллҳо ё Мобберҳо меноманд, беном амал мекунанд ва ҷабрдида намедонад, ки ҳамлаҳои манфӣ аз кӣ сар мезананд.

Технологияҳои муосири коммуникатсиониро тавассути шабакаи ҷаҳонии Интернет азхуд намуда, корбарон мекӯшанд, ки дастрасиро ба иттилооти мавриди таваҷҷӯҳ васеъ кунанд, бо одамони гуногун дар Интернет шинос шаванд, таваҷҷӯҳи худро дар соҳаҳои гуногуни дониш қайд кунанд, дар Интернет аксҳо ва видеоҳо гузоранд, ба бегонагон маълумоти шахсии худро бидуни оқибатҳои он нақл кунанд ва ҳамаи ин будуни андешидан аз оқибатҳои корашон. Шумораи хеле ками одамон дар бораи он фикр мекунанд, ки бо имконияти муошират бо одамон дар саросари ҷаҳон, ҳамзамон дар муқобили ҳамлаҳои сайберӣ заъиф мешавем.

Кӯдаке, ки қурбонии озору азияти сайберӣ шудааст, ба як қатор оқибатҳое дучор меояд, ки ба тарзи ҳаёт ва рафтори онҳо комилан таъсир мерасонанд. Дар соҳаи иҷтимоӣ, ин бо надоштани хоҳиши тамос бо наздикони худ, аз даст додани муошират, номутобиқшавӣ, яъне дар маҷмӯи рафторҳое зоҳир мешаванд, ки аз меъёрҳои аз ҷониби умум қабулшуда, паҳншуда ва муқарраргардидаи иҷтимоӣ фарқ мекунад.

Дар таҳсилот, мумкин аст якбора коҳиши нишондиҳандаҳои таълимӣ, хоҳиши ба муассисаи таълимӣ нарафтан, дарсгурезӣ ва сатҳи пасти фаъолият ба назар расад. Оқибатҳои вазнини сайберозорӣ аз нигоҳи равонӣ низ қайд карда мешаванд: ин коҳиш ёфтани худбаҳодеҳӣ, итминон ва боварӣ ба худ ва дар натиҷа халал ёфтани саломатии рӯҳӣ, эҳсоси доимии изтироб, тарс, хушунат ва нобоварӣ нисба ба дигарон, оила, ҳатто то расидан ба ҷунун ва пайдоиши фикрҳои худкушӣ ...

Тағйирот дар сатҳи физиологӣ низ ба амал меоянд. Шароити шикастаруҳӣ ва афсурдагӣ боиси коҳиши масуният (иммунитет) мегардад. Дар ҳолатҳои махсусан вазнин, инкишофи равонӣ қатъ мешавад, бемориҳои дил ё сироятӣ пайдо мешаванд, бемориҳои асаб инкишоф меёбанд.

Пас чаро кӯдакон бартарии худро нисбат ба дигарон собит мекунанд? Сабаби асосӣ дар чист? Ирина Ботяновская, равоншинос, дотсенти кафедраи Пажӯҳишгоҳи минтақавии рушди маорифи Минск зимни омӯзиши ин масъала қайд мекунад: «Мушкилоти зӯроварии наврасон нисбат ба ҳамсолони худ дар шабакаҳои иҷтимоӣ, сарфи назар аз вуҷуди «ҷавонӣ»-и зоҳирии худ, аллакай бо афсонаҳо сахт фаро гирифта шудааст. Масалан, аксар вақт ақидаеро мешунавем, ки қурбонии таҳдидҳои сайберӣ «чун дигарон нест» ва «худаш айбдор аст». Хонандаи ба тозагӣ омада, лоғарандом, фарбеҳ, пакана, зардина, бача дар - аробачаи маъюбӣ ... аст. Метавон онҳоро беохир номбар кард. Тавре бародарон Стругатскийҳо дар қиссаи «Тақдири Ланг» мегӯянд: Шумо алайҳи кӣ дӯстӣ мекунед?. Тафовуте, ки онҳоро таҳқир мекунанд (воқеӣ ё хаёлӣ) танҳо баҳона барои зӯроварӣ аст. Гузашта аз ин, баҳонаест дар ин дар қазияи мушаххас ва дар ин гурӯҳи муайян [2].



**4.4. Фарқиятҳои асоси озору азият дар Интернет аз озору азияти анъанавӣ.**

Тибқи маълумот аз Википедия, озору азият ҳамчун ҳамлаи таҷовузкоронаи равонии гурӯҳӣ дар шакли озори ғайримустақим ё мустақим нисбат ба шахс дар коллектив фаҳмида мешавад. Ба маънои васеъ озору азият як хушунати муназзам ва идомадор ва такроршавандаи таҳқир, тавҳин ва паст задани шаъну шарафи шахси дигар аст, масалан, дар мактаб, дар ҷойи кор, тавассути Интернет ва ғайра. Амалҳои маъмули озору азият - паҳн кардани маълумотҳои қасдан бардурӯғ (овозаву ғайбат) дар бораи шахс, масхара, иғво, таҳрик додан, тавҳини ошкоро ва тарсонидан, ҷудоиандозии иҷтимоӣ (бойкот ва беэътиноии намоишкорона), хуллас, ҳамлаҳо ҳастанд, ки шаъну шарафи шахсро нақз мекунанд ва боиси зарари моддӣ ё ҷисмонӣ мешаванд.

Имкониятҳои шабакаи ҷаҳонии Интернет ба шаклҳои фишори равонӣ илова мешаванд ва бо ин сабаб озору азияти Интернетӣ бештар хусусияти таҷовузкорона мегирад. Дар ин ҷо метавон нуктаҳои зеринро қайд кард.

● Даҳолати шабонарӯзӣ ба ҳаёти шахсӣ. Таҷовузи Интернетӣ бо замон ва макон маҳдуд намешавад. Ҳамлаҳо пас аз мактаб ё пас аз кор ба охир намерасанд. Як пуштзӯри сайберӣ (mobber), шабу рӯз тавассути воситаҳои техникӣ: телефони мобилӣ ё профил дар шабакаҳоии иҷтимоӣ ва почтаи электронӣ [56] ба ҷабрдида дастрасии мустақим дорад. Ба лутфи рақамҳои телефонии доимӣ ва аккаунтҳо, ҷабрдида аз ҳамлаҳо ҳатто дар хона ҳам эмин нест. Аммо, бояд қайд кард, ки як зӯргӯӣ на он қадар «хира»-ро метавон ба рӯйхати сиёҳ дохил кард ва ҳамчун спам (ҳарза) маҳдуд кард.

Суръати баланди паҳншавиии иттилоот ва аудиторияи васеъ. Паёмҳо ё тасвирҳоеро, ки тавассути технологияи электронӣ фиристода мешаванд, дар вақти воқеӣ идора кардан хеле мушкил аст. Масалан, видеоҳо аз як портали Интернетӣ ба портали дигар ба осонӣ нусхабардорӣ карда мешаванд. Аз ин рӯ, шумораи аудитория ва масоҳати интишорёбии кибермоббинг хеле васеъ аст. Матлабе, ки кайҳо фаромӯш шуда буд, метавонад дубора ба чашми мардум афтад ва барои ҷабрдида безарар гардонидани он душвор хоҳад буд.

● Номуайянии таҷовузгар.Ҷинояткорони Интернетӣ худро ба ҷабрдидаашон ошкор намекунанд ва беном амал мекунанд, ки ин, ба ақидаи онҳо, бехатарӣ ва имкони бе муҷозот монданро фароҳам меорад. Ҳамаи ин аксар вақт мӯҳлати фаъолияти сайберии ӯро зиёд мекунад. Надонистани ҷабрдида он дигаре-ро, ки ӯро таҳқир мекунад, метавонад боиси ҳарос ва нооромиаш гардад.

### 4.5. Ҷабрдидагони озору азиятҳо

Кӯдаконе, ки қурбонии озору азият дар Интернет мешаванд, аксар вақт дар ҳаёти воқеӣ ҷабри онро кашидаанд. Дар бештари ҳолот, зарбаи асосии таъқибкунанда ба намуди зоҳирӣ, ба аватар-и наврас ё калонсол (аз ҳад лоғар, фарбеҳак, пакана, номувафффақ ва ғ.) рост меояд. Қисми асосии қурбониён ва таъқибкунандагони онҳо дар синну соли 11-18 солаанд, дар марҳилаи ба воя расидан, ки бо ҳассосияти махсус ба ҳама гуна тавҳину таҳқирҳо, овозаҳо ва нокомиҳои иҷтимоӣ хос аст [27, с. 232-244; 57].

Ва комилан муҳим нест, ки оё наврасон мунокишаҳоро идора карда метавонанд, оё онҳо аз вазъияти низоъангез баромада метавонанд, худро фаъолона муҳофизат мекунанд ё доираи васеи дӯстоне доранд, ки онҳоро дастгирӣ карда метавонанд. Гузашта аз ин, дар ин замина қайд кардани он лаҳза муҳим аст, ки дар байни контингенти одамони калонсол ҳам ҳолатҳое кам нестанд, ки бо вуҷуди ҷаҳонбинӣ ва психикаи устуворашон қурбонии ҳолатҳои шабеҳ мешаванд.

Аксар вақт чунин ҳам мешавад, ки хонандагони аз ҷиҳати иҷтимоӣ бештар мутобиқшуда, ки аз мунокишаҳо канорагирӣ мекунанд, метавонанд ба осонӣ ҳадафи кибермоббинг қарор гиранд. Таъсири дарозмуддати таҷовузи Интернетӣ ба кӯдак боиси халаёбии шадиди худбоварӣ ва эътимод ба нафси ӯ мегардад.

### 4.6. Сабабҳои озору азият додан

Озор додан дар байни наврасон доираи васеи рафторҳои таҳқиркунандаи мустақим ва ғайримустақим мебошад. Зарбаҳои мустақим метавонанд лафзӣ ё ҷисмонӣ бошанд (масалан, масхара кардан, ному лақаб гузоштан, тела додан ва зарба

задан) ва чунин фишорҳои бевосита дар байни писарон бештар аз духтарон дида мешавад [9, с. 18-19].

Зуҳуроти ғайримустақими таҳқиру тавҳин бештар дар муҳити занона мушоҳида мешаванд, ки дар паҳн кардани овозаҳои пастзананда бо мақсади хориҷ кардани ҳамсол аз доираи умумӣ ва фаъолияти муштарак ифода меёбанд.

Наврасони гирифтори синдроми Аспергер ва аутизм бештар хавфи таҳқир шудан аз ҷониби ҳамсолонро доранд.

Озору азияти наврасон тавассути технологияҳои электронӣ сайберозориро ба вуҷуд меорад. Бо истифода аз дастгоҳҳои электронӣ, паёмҳои манфӣ метавонанд ба доираи васеи одамон расонида шаванд. Ирсолкунандагон номаълум боқӣ мемонанд ё тахаллусҳоро истифода мебаранд. Ба ном душмании электронӣ аксар вақт тавассути:

- блогҳо;
- чатҳо;
- почтаи электронӣ;
- низоми табодули фаврии паёмҳо;
- хадамоти паёмҳои фаврӣ;
- сомонаҳо;
- дигар навъҳои муоширати электронӣ, амал мекунанд.

Сарфи назар аз шаклҳои гуногуни зуҳури хушунати наврасон, муҳаққиқон якчанд хусусиятҳои асосии онро фарқ мекунанд:

душманӣ, ки бо нобаробарии қувваи ҳамлагар ва ҷабрдида асос ёфтааст;

душманӣ ҳадафмандона аст;

зуҳури хушунут унсури такроршаванда аст [7].

Наврасоне, ки онҳоро таҳқир мекунанд, аксар вақт дар бораи худкушӣ фикр мекунанд ва аломатҳои рафтори худкушро нишон медиҳанд. Ғайр аз ин, қурбониёни зӯроварии Интернетӣ нисбат ба онҳое, ки ба чунин таъқибот дучор нашудаанд, бештар ба истифодаи моддаҳои заҳролуд (машрубот, маводи мухаддир) майл доранд, дар мактаб танбеҳ мегиранд, аз дарсҳо мегурезанд ва бевосита дар ҳаёти воқеӣ мавриди озору азият қарор мегиранд.

Хонандагон - наврасон намехоҳанд дар бораи зӯроварӣ ба волидон ё маъмурони муассисаҳои таълимӣ хабар диҳанд, зеро истифодаи телефонҳои мобилӣ, ки воситаи хушунатанд, барои онҳо манъ аст. Гузашта аз ин, наврасон метавонанд аз тарси маҳрум мондан аз телефони мобилӣ ё дастрасӣ ба Интернет, аз додани маълумот оид ба мавриди азияти онлайнӣ қарор гирифтанашон ба волидайн худдорӣ кунанд.

Евгений Касперский мушкилоти озору азиятро дар Интернет чунин шарҳ додааст: «Мутаассифона, Интернет на танҳо муоширати одии байни одамонро осон ва сода мекунад. Имрӯз, беш аз пеш ҷавонон ба доми пурраи маъракаҳои авбошонаи онлайнӣ дучор меоянд. Ин таҷрибаи бениҳоят душвор ва осеби ҷиддӣ аст ва мо мехостем дар мубориза бо чунин падидаи зишт ҳиссаи худро гузорем. Аз ин рӯ, мо дар таҳқиқоти мухталиф дар ин самт ширкат меварзем ва инчунин портали махсусеро роҳандозӣ карда истодаем, ки дар он волидон ва наврасон метавонанд маълумот пайдо кунанд ва аз тренингҳо гузаранд, то ки ҳалли чунин мушкилотро омӯзанд.



**Пас, вокуниши наврасон ба озору азияти онлайнӣ чӣ гуна аст?**

Имрӯз вазъ чунин аст, ки кӯдакон дигар зиндагиро бидуни шабакаи ҷаҳонии Интернет тасаввур карда наметавонанд. Шабака барои онҳо як ҷаҳони иҷтимоӣ аст, ки онҳо орзу доранд, ки аз ҳамсолонашон эътироф ва таърифу тавсиф бишнаванд. Кӯдак барои ин ҷаҳон боз аст ва дар бораи он фикр намекунад, ки дар ин олам намудҳои гуногуни таҳдид ва таҷовуз низ ҳастанд. Яке аз ин шаклҳо ин аст, ки ҳамсинфон видео мегиранд ва таҳдид мекунанд, ки онро дар Интернет нашр мекунанд. Ва он гоҳ шантаж оғоз мeёбад: пул ё дигар дороиҳоро аз ҷабрдида кашида мегиранд. Видео метавонад мундариҷаи мухталиф дошта бошад: бачаҳо ба ҳоҷатхона даромада, касеро дар он ҷо ба навор гирифтанд, шалвори якеро кашиданд, якеро тарсонданд, касе дар ҳолати номатлуб истода буд, яъне ба таври ошкоро далели ворид шудан ба фазои шахсӣ ва таҳқиру тавҳин нисбат ба ҳолати ҷисмонии шахс вуҷуд дорад. Гуногунии чунин лаҳзаҳо беохир аст. Кӯдакон ба чунин ҳамлаҳо хеле ҳассосанд. Чунин ба назарашон мерасад, ки агар видеои дорои мундариҷаи нохуш дар шабакаи ҷаҳонии Интернет пайдо шавад, зиндагӣ фурӯ мерезад, нанг абадӣ боқӣ хоҳад монд ва ҳеҷ гоҳ тағйир нахоҳад ёфт. Ҷаҳони кӯдак дар чунин лаҳза якбора танг мешавад ва ӯ танҳо аз он метарсад, ки матлаби ба навор гирифташударо дар шабакаи иҷтимоӣ ҷойгир кунанд, ки корбарони он на танҳо ҳамсолоне ҳастанд, ки ӯро ба хашм меоранд, балки муаллимон, волидон, ҳамсоягон ва тамоми муҳити ӯ мебошанд.

Пас, кадом омилҳое вуҷуд доранд, ки ҳавасмандиро барои озору азият дар шабакаи ҷаҳонии Интернет бармеангезанд?

**Тарс**: барои он ки дар нақши қурбонӣ набошанд, онҳо аксар вақт ба як гурӯҳи фаъол ва қавии коллектив пайваст мешаванд.

**Ба даст овардани эътироф**: зарурати «фарқ кардан», намоён шудан, ба даст овардани нуфуз дар гурӯҳ.

**Низоъҳои фарҳангӣ**: фарқиятҳои миллӣ дар фарҳанг ва анъанаҳо, дар забон, намуди зоҳирии ғайримуқаррарӣ.

Дилтангӣ: масалан, аз бекорӣ шарҳ додани акси касе, ки хушоянд нест.

**Намоиши қувва**: нишон додани бартарии худ, хаёлӣ ё ҳақиқӣ.

**Эҳсоси нуқсон ё камбуд доштан**: уқда (норасоӣ)-и худро ба руйи шахси дигаре кашидан. Эҳтимол зиёд барои боиси тамасхур шудан аз сабаби нуқсон ва норасоии худ.

**Бухрони шахсӣ**: қатъи муносибатҳои ошиқона, дӯстӣ, ҳисси нафрат ва ҳасад, нобарориҳо, нокомиҳо, хатоҳо .

Интернет кайҳо як ёвари ивазнашавандаи одамони муосир шудааст. Шабакаи ҷаҳонии Интернет сарчашмаи дастрасӣ ба дониши нав, кӯмак дар омӯзиш ва вақти холӣ мебошад. Аз ин рӯ, кӯдакон аз Интернет фаъолона истифода мебаранд ва аксаран нисбат ба калонсолон дар Интернет бештар вақт сарф мекунанд.

Дар байни наврасони пурсидашуда дар Душанбе, зиёда аз 70%-ашон ҳар рӯз аз имкониятҳои шабакаи ҷаҳонии Интернет фаъолона истифода мебаранд (Расми 2).




*Расми.2. Эквиваленти миқдории истифодабарии Интернет (маълумот аз таҳқиқоти худӣ).*




*Расми.3. Эквиваленти миқдории истифодабарии Интернет (маълумот аз таҳқиқоти худӣ).*

Боиси хушнудист, ки дар ҷараёни пурсиш зиёда аз 80% посухдиҳандагон қайд карданд, ки онҳо Интернетро барои таҳсил ва рушди шахсӣ истифода мебаранд (Расми 3).

Кӯдакони наврас хеле зуд ва фаъолона хидматрасониҳои паёмрасонҳои фаврӣ ва замимаҳои нав (видеочатҳо, TikTok ва ғайра)-ро ёд мегиранд, дар форумҳо ва сӯҳбатҳо ширкат мекунанд ва ҳамарӯза маълумоти нави ҷолиб ва омӯзиширо аз бар мекунанд. Аммо мо бояд дар хотир дошта бошем, ки Интернет метавонад на танҳо воситаи омӯзиш, истироҳат ё муошират бо дӯстон бошад, балки чун ҷаҳони воқеӣ, Интернет низ метавонад дорои хатарҳо бошад.

Муошироти виртуалӣ ба одамоне, ки нияти бад доранд, имкониятҳои иловагӣ барои зарар расондан ба корбарони ҷавонро фароҳам меорад. Вақтҳои охир дар Интернет бисёр маводи мундариҷаи хашмгин ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ хавфнок пайдо шудаанд. Аксарияти хонандагони муассисаҳои таълимии шаҳри Душанбе (ки бо маълумот дар таҷрибаи ҷаҳонӣ алоқаманд аст, [59]) ба таври мунтазам ба падидаи сайберозорӣ дучор меоянд, аммо дар чунин ҳолатҳо бо нақшаи амалкардҳои мантиқӣ шинос нестанд. Бояд мавҷудияти чунин шакли хушунатро дар ёд дошт ва ба амнияти кӯдакон дар Интернет таваҷҷӯҳи бештар зоҳир кард.

Волидон бояд бо фарзандони худ тамоси боэътимод барқарор кунанд, ба онҳо аз ҳолатҳои мухталифе бигӯянд, ки ба онҳо таъсири манфӣ расонида метавонанд ва фаҳмонанд, ки чӣ гуна аз чунин вазъ ба ваҷҳи беҳтар баромадан мумкин аст. Якҷоя бо кӯдак моделсозӣ кардани ҳолатҳои эҳтимолии Интернетӣ муҳим аст; муҳокима

кардани мисолҳои воқеӣ бо ҳалли манфӣ ва мусбати чунин мушкилот тавсия дода мешавад

***Қиссаи*** 1.

*Се сол пеш Малика қурбонии озору азияти як ҳамсинфаш дар шабакаи иҷтимоии ВКонтакте шуд. Он замон ӯ духтарчаи 13-сола буд, аммо то имрӯз он ҳолатро бо даҳшат ба ёд меорад.*

*Як ҳамсинфам ва дӯсти ӯ- ҳамсояаш, тасмим гирифтанд, ки бар ман ҳилае бозанд. Онҳо маро бо он тарсонданӣ шуданд, ки дақиқ дар куҷо будани бибӣ ва хоҳари маро медонанд ва менавиштанд, ки онҳоро мекушанд ва ҳоло дар назди даромадгоҳи биноашон истодаанд. Доимо маро таҳқир мекарданд, бероҳа меномиданд, маро ҳар қадар ки мехостанд бо суханони қабеҳ тавҳин мекарданд.*



*Ин найранг якчанд рӯз давом кард, ман хеле тарсидам ва ба ҳушдори онҳо розӣ шудам, ки аксҳои худро ба онҳо фиристам, баъдтар онҳо ба талаб кардани аксҳои пурраи урёни ман шурӯъ карданду ман дигар тоқат карда натавонистам. Ниҳоят ман таваккал карда шабакаро тарк кардам, - гуфт духтар.*

***Қиссаи* 2.**

*Ду сол пеш дар хонаводаи Равшан ва Алена қариб буд, ки фоҷиа рух диҳад: тасодуфан падар дар ноутбук навиштаи писари худро ёфт, ки дар он вай аз озору азият дар шабакаҳои иҷтимоӣ шикоят мекард ва навишта буд, ки агар онҳо хотима наёбанд, худкушӣ мекунад. Равоншинос (DK барои ҷавонон) муддати тӯлонӣ бо ин наврас кор кард ва тавонист вазъро комилан равшан кунаду наврасро аз ҳолати шикастрӯҳӣ берун оварад.*

*Маълум шуд, ки Сайёд дар мукотибаи худ дар вебсомонаи Одноклассники барои дифоъ аз духтараке бархоста, ки дӯстони онлайниаш видеои таҳқиромезро ба навор гирифта интишор карданд. Кинаву адовати кӯдакона акнун фавран нисбат ба муҳофизи духтарак шурӯъ шуд.*

*Борони ибораҳои таҳқиромез дар бораи намуди зоҳирии писарча (Сайёд мушкилоти ҷиддии биноӣ дошт), игвоҳои бераҳмона ва тавҳину таҳқир дар гурӯҳҳое, ки ӯ ширкат дошт, шурӯъ шуданд. Бачаро бо SMS-паёмакҳои таҳқиромез, шӯхиҳои дағалона ва бераҳмона ба ҳолати асабвайронӣ (невроз) оварданд. Сайёди хеле шармгинро, ки дар барқароркунии тамос бо ҳамсинфонаш душворӣ мекашид (ва аз ин рӯ танҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ худро озод ҳис мекард), чанд ҳафтаи ҳаёти шавқовар дар воқеияти сайберозорӣ кофӣ буд, то дар бораи худкушӣ ҷиддӣ фикр кунад. Хушбахтона, волидон сари вақт дахолат карданд ва ин мушкил бо натиҷаи мусбат ҳал шуд[10].*

Тибқи маълумоти СЧТ, дар Русия 19%- наврасон дар синни 11 солагӣ ҳадди ақкал боре мавриди сайберозорӣ қарор гирифтаанд. Барои муқоиса: ин нишондиҳанда дар Олмон 4 маротиба камтар аст- (4%), дар Фаронса 3%-и кӯдакон аз шабака озору азият мешаванд ва дар Шветсия ҳамагӣ — 2% [60].

Агар ин маълумот бо натиҷаҳои тадқиқоте, ки дар Душанбе (Тоҷикистон) анҷом




ёфт, муқоиса шаванд, пас аз шумораи наврасони пурсидашуда (1100 нафар) 417 нафарашон (38%) қайд карданд, ки ба таҳқир ва тавҳин дар шабакаи Интернет дучор омадаанд.




*Расми.4. Эквиваленти миқдории хатарҳо дар шабакаи Интернет (маълумот аз тадқиқоти худӣ).*

## 4.7. Бартараф кардани кибербуллинг

Дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи амалҳое, ки барои ҳалли проблемаи озору азият дар Интернет интихоб мешаванд, коршиносони бехатарӣ дар Интернет чор намуди роҳи мубориза бо сайберозориро (кибербуллингро) муайян карданд [61]:

1. Тактикаи фаъоли рафтор, ки ба ҳалли масъала равона карда шудааст (мушкилотро ҳал кард, кӯшиш кард, ки шахсро роҳат гузоранд, кӯшиши ниқор гирифтан кард, имконияти муоширатро барои сӯҳбат масдуд кард, танзимоти амниятиро тағйир дод).

2. Тактикаи пассивии рафтор бо интихоби бефаъолиятӣ, канорагирӣ, фосилагирӣ, инкор намудани мушкилот, тамаркуз ба эҳсосот (умедвор буд, ки мушкилот худ аз худ ҳал мешавад, худро гунаҳгор ҳис мекард, истифодаи Интернетро муддате қатъ карда, ҳама навиштаҳоро пок кард) [32].

3. Аз ҷомеа кӯмак ҷустан.

4. «Ҳеҷ кадоме аз ҳолати зикршуда», ки манзураш роҳҳои дигари ҳалли ин мушкилот аст, роҳандозӣ намудан[1,2].




1. school19.centerstart.ru/node/220;
docplayer.ru/44087121-Psihologiya-virt….html;
window.edu.ru/catalog/pdf2txt/062/79062/59763?p page=10
2. school19.centerstart.ru/node/220;
docplayer.ru/44087121-Psihologiya-virt….html;
window.edu.ru/catalog/pdf2txt/062/79062/59763?p page=10